«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________**
**«22» ______12______ соли 2025**

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Исломзода Илҳом Ислом унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Исломзода Илҳом Ислом соли 2009 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2015 таҳти №40-05, ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, баъдан бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 2017 таҳти №276-05, бинобар сабаби мувофиқат накардани мавзуи рисолаи номзадиаш дар кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ӯ ба кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ гузаронида шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2019 таҳти №211-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2018 №09 (17-18) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 17-уми майи соли 2023, №60 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2025 №5 муҳокима гардидааст. Ба

диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиноснομаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои назариявӣ ва амалии шикори ғайриқонунӣ муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии шикори ғайриқонунӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур мавриди

истифода қарор гиранд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Таҳлилу баррасии мавзуъ собит менамояд, хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, самтҳои муҳимми таҳлил ва таҳқиқотро фаро гирифта, барои ҳалли масъалаҳои асосии марбут ба қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи шикори ғайриқонунӣ ва пешгирии он, мусоидат менамоянд. Дар доираи таҳқиқот таҳлили муфассали омилҳои иҷтимоие, ки муқарраркунии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонуниро асоснок менамоянд, анҷом дода шуда, робитаи онҳо бо ҳолати воқеии криминогенӣ ва сатҳи амнияти экологӣ дар кишвар ошкор гардидааст.

2. Ҳамзамон, омӯзиши равишҳои назариявӣ ва татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ алоқаманд мебошанд, анҷом дода шуда, дар ин замина хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунанда дар татбиқи ҳуқуқии онҳо муайян шудаанд. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар самти мубориза ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории давлатҳои дигари аъзои ИДМ муқоиса гардида, таҷрибаи муфид ва камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ, муайян шудаанд.

3. Дар таҳқиқоти мазкур, инчунин унсурҳои сохтории таркиби ҷиноят ба монанди объект, предмет, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии шикори ғайриқонунӣ ба таври муфассал бо истифода аз усулҳои таҳлили илмии ҳуқуқӣ, баррасӣ гардидаанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқот аломатҳои бандубасткунандае баррасӣ ва ботафсил таҳлил гардидаанд, ки таркиби ҷиноятҳои бо шикори ғайриқонунӣ алоқамандро тавсиф намуда, барои дақиқ ва дуруст бандубаст намудани чунин намуди ҷиноятҳо аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

4. Инчунин, хусусиятҳои миқдорию сифатии шикори ғайриқонунӣ, ва тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ таҳқиқ шудаанд.

Маълумоти бадастомада имкон медиҳанд, ки тасвири иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсони мазкур муайян гардида, усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо беҳтар карда шавад.

5. Дар ниҳоят, таҳқиқот ба омӯзиши амиқи сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он равона шудааст. Дар асоси таҳлилҳои анҷомшуда, тавсияҳои мушаххас доир ба такмили сиёсати ҷиноятӣ ва қонунгузории миллӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд ба коҳиши сатҳи ин намуди ҷиноятқорӣ мусоидат намоянд.

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М]** Хомушов, И.И. Заминаҳои иҷтимоии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №1 – С. 117-125. ISSN 2413 – 5151.

**[2–М]** Хомушов, И.И. Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маҷалаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2021. – №2 (42) – С. 109-116. ISSN 2410 – 2903.

**[3–М]** Шарипов, Т.Ш., Хомушов, И.И., Мафҳуми шикори ғайриқонунӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ш. Шарипов, И.И. Хомушов, // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №2 (22) – С. 147-161. ISSN 2414 – 9217.

**[4–М]** Шарипов, Т.Ш., Хомушов, И.И., Ҷудо намудани шикори ғайриқонунӣ аз таркибҳои муҷовир ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, И.И. Хомушов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 242-252. ISSN 2709 – 8567.

**[5–М]** Хомушов, И.И., Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо конунгузории мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3 – С. 231-238. ISSN 2413 – 5151.

**[6–М]** Хомушов, И.И. Сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва таъсири он ба ҷомеа [Матн] / И.И. Хомушов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ) 2024. – №4 (56) – С. 304-308. ISSN 2410 – 2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7–М]** Хомушов, И.И. Тарафи объективии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). – Душанбе, соли 2022. – С. 385-389.

**[8–М]** Хомушов, И.И. Тавсифи аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он» Матбааи АИДнПҶТ. –Душанбе, соли 2022. – С. 143-149.

**[9–М]** Хомушов, И.И. Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Материалы Международных научно-практических мероприятий Обшества Науки Творичества. – Казань, 2022. – С. 69-75.

**[10–М]** Хомушов, И.И. Роҳҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» таҳти унвони «Ҳолат ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. Матбааи АИДнПҶТ. – С. 326-337.

**[11–М]** Исломзода, И.И. Шикори ғайриқонунӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Исломзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2025. Матбааи АИДнПҶТ. – С. 181-186.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи

ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 19 декабри соли 2025, №5.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**«19» 12 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj